ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ФАРМОИШ

аз «09» 01 соли 2020 № 03

«Оид ба масъалаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ»

Мутобиқи банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, № 187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Комиссияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ таъсис дода шавад.

3. Низомнома ва ҳайати Комиссияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 2 ва 3).

4. Пешбурди феҳристи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва раванди коргузории он аз тарафи корманди масъули Сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ки котибии Комиссияро ба зимма дорад, ба амал бароварда шавад.

5. Фармоиши мазкур ба мақомоти молия дар маҳал барои иҷро ирсол карда шуда, масъулияти риояи қатъии он ба зиммаи роҳбари ин мақомот вогузор карда шавад.

6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири молия – сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода

Замимаи 1
бо фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «9» 01 соли 2020, №03
тасдиқ шудааст.

ТАРТИБИ
баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Қоидаҳои додани Иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №600 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, тартиби баррасии ариза ва додани иҷозатро ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо истифода аз усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ дар минтақаҳои қаъри замини захираҳои ҳисобнашуда ва дар тавозуни давлатии захираҳои канданиҳои фоиданок гузоштанашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

2. ТАРТИБИ БАРРАСИИ АРИЗА ВА ПЕШНИҲОДИ ҲУҶҶАТИ ИҶОЗАТДИҲӢ

2. Шахси воқеӣ аризаро аз рӯи шакли тибқи Тартиби мазкур тасдиқгардида барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба мақомоти молия дар маҳалл пешниҳод менамояд (шакли ариза замимаи 1).

3. Ариза ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда дар мақомоти молияи маҳаллӣ дар китоби махсус аз ҷониби шахси масъул ба қайд гирифта мешавад.

4. Нусхаи ҳуҷҷатҳои аризадиҳанда аз ҷониби мақомоти молияи маҳаллӣ дар муҳлати на зиёдтар аз ду рӯзи корӣ тавассути воситаҳои муросилотӣ (почта, почтаи электронӣ) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

5. Аз тарафи шахси воқеӣ ба мақомоти молия дар маҳал ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- аризаи довталаб барои гирифтани Иҷозат;

- нусхаи расиди пардохт барои баррасии ариза;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи маълумотнома оид ба рақами мушаххаси андозсупоранда.

6. Дар Вазорати молия баррасии ариза ва пешниҳод намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихрочи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ аз тарафи Комиссияи иҷозатдиҳии Вазорати молия амалӣ карда мешавад.

7. Комиссия ҳуҷҷатҳои аз тарафи мақомоти молия дар маҳал пешниҳодшударо баррасӣ намуда, дар муҳлати муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ба аризадиҳанда ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро пешниҳод менамояд.

8. Дар сурати қабул гардидани қарор дар хусуси додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ барои истихрочи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ аризадиҳанда ба буҷети давлатӣ баробар ба ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт менамояд.

9. Ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз ҷониби котиби масъули Комиссия ба мақомоти молия дар маҳалли дахлдор ирсол карда мешавад.

10. Мақомоти молия дар маҳал вазифадор мебошад, ки ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро, ки аз Вазорати молия қабул намудааст, тибқи тартиби муқаррарғардидаи қонунгузорӣ ба довталаб супорад.

11. Ба шахси дигар додани варақаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз тарафи иҷозатдор ва истифодаи он аз ҷониби шахси дигар (аз ҷумла аъзои оила) манъ аст.

12. Мутобиқи моддаҳои 208 ва 216 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба занони ҳомила ва шахсони аз 18 сола хурд машғул шудан ба фаъолияти истихрочи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ манъ аст.

3. ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТИ ИҶОЗАТДИҲӢ

13. Барои баҳисобгирӣ оид ба воридот ва содироти ҳуҷҷатҳои аризадиҳанда дар мақомоти молияи маҳаллӣ китоби махсус ташкил карда мешавад.

14. Дар ҳар як мақомоти маҳаллии молия баробари бақайдгирии ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида, инчунин бақайдгирии электронии онҳо мунтазам пеш бурда мешавад.

15. Ҳуҷҷатҳои аризадиҳанда, ки тавассути мақомоти молияи маҳаллӣ ба Вазорати молия пешниҳод мегарданд, дар китоби махсуси Комиссияи иҷозатдиҳии Вазорати молия, ки онро котиби масъули Комиссия корбарӣ менамояд, ба қайд гирифта мешаванд.

16. Китоби бақайдгирии ҳуҷҷатҳои аризадиҳанда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ саҳифабандӣ ва ресмонбандӣ карда шуда, бо муҳр ва имзо тасдиқ карда мешавад.

4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17. Ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ бе муҳлат дода мешавад.

18. Дар варақаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ворид намудани ҳар гуна ислоҳот манъ аст.

19. Дигар ҳуҷҷатҳо ва дастуру супоришҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, ки дар тартиби мазкур пешбинӣ нашудаанд, барои машғул шудан ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо истифода аз усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ асос шуда наметавонанд.

20. Роҳбари мақомоти молия дар маҳал барои риоя кардани кардани талаботи тартиби мазкур масъулияти шахсӣ дорад.

Замимаи 2
бо фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «9» 01 соли 2020, №03
тасдиқ шудааст.

НИЗОМНОМАИ КОМИССИЯИ ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БАРРАСИИ АРИЗА ВА ПЕШНИҲОДИ ҲУҶҶАТИ ИҶОЗАТДИҲӢ БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ БАРОИ ИСТИХРОҶИ КАНДАНИҲОИ ФОИДАНОКИ ПОШХӮРДА БО УСУЛИ ХУДФАЪОЛӢ ВА ХУДБИЁРӢ

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Комиссияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ (минбаъд – Низомнома) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» таҳия гардида, тартиби фаъолият, вазифа, ҳуқуқу уҳдадорӣ ва ваколати Комиссияи иҷозатдиҳии Вазорати молияро (минбаъд – Комиссия) дар рафти баррасии ариза ва ба довталабон додани «Иҷозат» ба танзим медарорад.

2. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатдиҳӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №600 «Дар бораи Қоидаҳои додани иҷозат барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъоли ва худбиёрӣ» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, инчунин Низомномаи мазкурро таҳти роҳбарӣ қарор медиҳад.

3. Ҳайати Комиссия аз роҳбарияти вазорат бо ҷалби кормандони масъули воҳидҳои сохтори дастгоҳи марказӣ, инчунин мақомоти зертобеи он таъсис дода мешавад.

4. Комиссияи иҷозатдиҳии Вазорати молия дар ҳайати 5 нафар таъсис дода шуда, ба он муовини вазири молия – сарпарасти соҳа роҳбарӣ менамояд.

2. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ КОМИССИЯ

5. Вазифаҳои асосии Комиссия аз инҳо иборат мебошад:

- баррасии аризаи довталаби Иҷозат;
- баррасии ҳуҷҷатҳои ба аризаи довталаб замимагардида;
- қабули қарор дар бораи додани Иҷозат;
- тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ бозdoштан ва қатъ намудани амали Иҷозат;
- ба таври хаттӣ хабардор намудани шахси дорандаи Иҷозат дар бораи бозdoштан ва ё бекор кардани амали Иҷозат;
- муқаррар намудани муҳлати аз ҷониби шахси дорандаи Иҷозат бартараф намудани қонуншиканӣ, ки боиси бозdoштани амали Иҷозат шуда бошад;
- аз нав барасмият даровардани ва ё додани нусхаи (дубликати) ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани иҷозатро тасдиқ менамояд.

3. ҲУҚУҚҲОИ КОМИССИЯ

6. Комиссия дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ ҳуҷҷати Иҷозат диҳад;
- дар сурати аз ҷониби дорандаи Иҷозат вайрон гардидани талаботи қонунгузорӣ вобаста ба соҳаи иҷозатдиҳӣ, амали Иҷозатро бозdorад, онро аз нав ба расмият дарорад ва ё ҷиҳати бекор намудани Иҷозат ба суд муроҷиат кунад;
- ҷиҳати шаффоф ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти Комиссия ба роҳбарияти Вазорат таклиф манзур намояд;
- дигар ҳуқуқҳоеро амалӣ намояд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

4. ТАРТИБИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ

7. Комиссия бо фармоиши дахлдори Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

8. Комиссия мутобиқи қисми 1 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аризаи довталабро дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи кории ворид гардидани ариза баррасӣ намуда, дар бораи додани иҷозат қарор қабул менамояд.

9. Қарори Комиссия тибқи тартиби муқарраргардида ба расмият дароварда шуда, дар парвандаи довталаб нигоҳ дошта мешавад.

10. Омода ва ба Комиссия пешниҳод намудани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба зиммаи котиби Комиссия, ки аз ҳисоби корманди масъули воҳиди сохтории пешбарандаи самти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мегардад, вогузор карда мешавад.

11. Ҳуҷҷатҳое, ки ба Вазорати молия барои гирифтани Иҷозат тавассути мақомоти маҳаллии молия пешниҳод мегарданд, дар китоби махсус аз ҷониби котиби Комиссия қайд гардида, барои пешниҳод ба Комиссия омода карда мешаванд.

12. Ҷаласаи кории Комиссия оид ба баррасии ҳуҷҷат ва қабули қарор ҷиҳати додани Иҷозат ба довталаб дар як моҳ чор маротиба баргузор мегардад.

13. Ҷаласаи Комиссия бо суратмаҷлис ба расмият дароварда мешавад.

14. Котиби Комиссия вазифадор аст, ҳуҷҷати Иҷозатро пас аз қабули қарори Комиссия дар хусуси додани он ба довталаб, худи ҳамон рӯз тавассути воситаҳои муросилотии почтавӣ ба мақомоти маҳаллии молияе, ки муроҷиати шахс ба воситаи он ба Вазорат ворид гардидааст, ирсол намояд.

15. Иҷозатро Раиси Комиссия имзо намуда, он бо муҳри Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикстон тасдиқ карда мешавад.

16. Пешбурди феҳристи «Иҷозат»-ҳо, ки дар он маълумот оид ба иҷозатҳои додашуда, бекор кардашуда, бозхондгардида ва аз нав ба расмият даровардашуда ҷойгир карда шудааст, аз ҷониби котиби Комиссия ба амал бароварда мешавад.

17. Бо варақаҳои (бланкаҳои) Иҷозат, ки дорои на камтар аз шаш дараҷаи ҳифозат, силсилаи қайд ва рақамҳои тартибии тариқи типографӣ чоп кардашуда мебошад, таъмин намудани котиби Комиссия аз тарафи раиси Комиссия ба амал бароварда мешавад.

18. Варақаи ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар қоғази шакли А4 таҳия гардида, дорои дараҷаи муҳофизатӣ, силсилаи ҳарфӣ ва рақами тартибӣ мебошад (шакли варақаи “Иҷозат” замима мегардад).

19. Варақаҳои (бланкаҳои) Иҷозат ҳамчун ҳуҷҷати баҳисобгирии қатъӣ аз ҷониби котиби Комиссия нигоҳ дошта шуда, масъулият барои нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии ҳуҷҷатҳои мазкур тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба зиммаи котиби Комиссия вогузор мегардад.

20. Ба ислоҳкунӣ дар варақаи Иҷозат роҳ дода намешавад. Варақаи вайроншудаи Иҷозат тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиб додани санади дахлдор нобуд карда мешавад.

21. Масъулияти дурустии додани Иҷозат ба зиммаи Комиссия вогузор карда мешавад.

Замимаи 3
бо фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «9» 01 соли 2020, №03
тасдиқ шудааст.

Ҳайати
Комиссияи Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ

1. Раиси Комиссия - муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасати соҳа

Аъзоёни комиссия:

2. Сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
3. Сардори раёсати ҳуқуқ;
4. Директори Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молия
5. Сардори Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молия

Котиби комиссия – Мирзоев Д.М. - сармутахассиси сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
734025, Душанбе, х. Ак. Раҷабовҳо,3
тел.: (992 37) 221-14-17,
факс: (992 37) 221-33-29
Min_fin@tojikiston.com
www.minfin.tj.

МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
734025, Душанбе, пр. Ак. Раджабовых,3
тел.: (992 37) 221-14-17,
факс: (992 37) 221-33-29
Min_fin@tojikiston.com
www.minfin.tj.

ИҶОЗАТ

«Барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ»

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”

Дода шуд ба : _____

Суроға: _____

Муҳлати амал: _____

Рақами мушаххаси андозсупоранда: _____

Асос: қарори Комиссияи иҷозатдиҳӣ _____

Эзоҳ: Дорандаи ҳуҷҷати Иҷозат уҳдадор мегардад, ки металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои истихроҷнамудаи худро танҳо ба нуқтаҳои хариди Хазинаи сарватҳои давлатӣ дар маҳалҳо буда пешниҳод намояд.

Раиси Комиссияи иҷозатдиҳӣ-
муовини вазир молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон _____

Ному насаб

Ҷ.м.

Сана: «____» _____ соли _____

Замимаи 1
ба Тартиби баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ, ки бо фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “ 9 ” 01 соли 2020, №03 тасдиқ гардидааст.

Ба Комиссияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасии ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ

аз номи

_____

_____

Суроғаи истиқомати шахси воқеӣ:_____

_____

АРИЗА

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва Қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №600 тасдиқ шудааст, барои гирифтани “Иҷозат” ҷиҳати машғул шудан ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ мусоидат намоед.

Масъулият барои риоя кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартҳои иҷозатдиҳӣ ба зиммаи худ мегирам.

Ҳуҷҷатҳои дахлдор барои гирифтани Иҷозат замима ва пешниҳод карда мешаванд.

_____ _____

ному насаб имзо

«____» _____ соли _____